Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе,
кӯчаи Деҳотӣ, ½, ww/ddtt.tj

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.**

## 1. Мубрам будани мавзуи диссертатсия

Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ яке аз масъалаҳои мубрами ҳозиразамон буда пойдевори асосии иқтисодиёт, рушду инкишофёбии онро таъмин менамояд. Барои ҳамин ҳам рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани некӯаҳволии аъзоёни ҷамъият дар шароити муосир аз хусусиятҳои хоси сармояи инсонӣ вобаста буда, такмилёбии доимии онро тақозо менамояд.

Зиёда аз ин, сармояи инсонии ташаккулёфта ва мунтазам инкишоф ёбанда, на танҳо аъзоёни ҷамъияти имрӯзаро бо ҳаёти солим, балки насли ояндаро бо нишондиҳандаҳои шуморатан ва сифатан беҳтар таъмин менамояд. Аз ин нуктаи назар, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба такмилёбӣ ва механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ба воситаи тарбия, таълим, ихтисосмандӣ ва баландбардоштани зеҳнияти касбии кормандон диққати махсус дода мешавад, ки ҳамаи онҳо бо ҳамдигар пайвастагии зич доранд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки гуфтаҳои дар боло зикр гардида, мубрамияту муҳиммияти кори диссертатсионии Одиназода Аслам Мадгиёро дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» тасдиқ намуда саривақтӣ будани омӯзиши асосҳои назариявию методии механизми рушди сармояи инсониро вобаста ба шароити ташаккули

иқтисодиёти инноватсионии муосир ва инчунин тавсияҳои амалии мукамалгардонии онро исбот менамояд.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм**

Диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳод карда шуда ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии он бо тахассуси кормандон ва самаранокии истеҳсолот; функсияи такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8. Масоили сифати нерӯйи корӣ, тайёркунӣ, ташаккули салоҳияти касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо; ташаккули рақобатпазирии кормандон; роҳнамоии касбии аҳолӣ; ҳаракати кормандон; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дараҷаи навгонии илмии таҳқиқот бо асоснок гардонии ҷанбаҳои муқаррароти назариявии такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти инноватсионӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ҷиҳати омода намудани кадрҳои дорои тавонмандиҳои инноватсионӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода меёбад.

Дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ, методӣ ва амалӣ ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмиро муайян мекунанд ва мавзуи дифоъ мебошанд:

- ҷанбаҳои назариявии омузиш, хусусиятҳо ва мазмуни сармояи инсонӣ асоснок карда шудааст, ки имкон медиҳад онро ҳамчун натиҷаи инкишофи сифатӣ ва миқдории захираҳои меҳнатии кишвар таъриф намуда таъсири

омилҳои табиӣ, минтақавӣ (ҷуғрофӣ), таърихӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиро дар раванди ташаккулёбӣ бо таваҷҷуҳ ба сиёсати ҳадафмандонаи давлат баҳогузорӣ мекунад, дараҷаи рушди сармояи инсонии миллӣ ва мувофиқати онро ба талаботҳои иқтисодиёти инноватсионӣ инъикос менамояд;

- аз тарафи муаллиф таърифи мафҳуми "сармояи инсонӣ" бо таваҷҷуҳ ба ҷойгоҳи калидии унсури таркибии он, яъне тавонмандии инноватсионӣ пешниҳод гардидааст ва ба фикри ӯ аз дигар унсурҳои таркибӣ (маълумот, саломатӣ, ахлоқ, таҳаммулпазирӣ, ҳаракатпазирӣ ва ғ.) таъсирпазир буда ба зарурати сармоягузориҳои ҳадафманд ҷиҳати бештар намудани ин таъсирро таъкид мекунад;

- асосҳои методии ташаккули муҳити институтсионалии рушди сармояи инсониро муаллиф пешниҳод намуда, нақши давлатро ҳамчун пайвандгари байни иштирокчиёни равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар роҳи омода намудани кадрҳои соҳибтахассус муайян намудааст, ки системаи ҳавасмандгардониро барои таъмини фаъолияти босамари инноватсионии сармояи инсонӣ ифода мекунад;

- унвонҷӯ омилҳои ташаккули сармояи инсониро дар муҳити институтситсионалии рушди системаи таҳсилоти олии касбӣ ва танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба мушкилоти "фирори мағзҳо" дастабандӣ кардааст, ки сабаб ва натиҷаи татбиқи сиёсати рушди иқтисодиёти навоваронаро дар ҷумҳурӣ бо назардошти муаммоҳо ва монеаҳои мавҷуд дар ин самт шарҳ медиҳанд. Дар робита ба ин аз тарафи муаллиф тамоюли омода намудани кадрҳо бидуни ба назар гирифтани талаботҳои воқеии бозори меҳнат ва наандешидани чораҳои муассир ҷиҳати боздоштани "фирори мағзҳо" ба сифати омили муҳимми боздорандаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар таъриф шудааст;

- самтҳои рушди сармояи инсонӣ дар заминаи беҳтар намудани ҳамкории давлат ва системаи маориф бо таваҷҷуҳ ба такмили низоми алоқамандии таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат ҷиҳати дар амал татбиқ намудани моделҳои омузишии тақвияти тафаккури инноватсионии муҳассилин муайян карда шуданд. Дар ин замина муаллиф амсилаи

муҳосибаи омилҳои муассир ба арзиши сармояи инсониро дар сатҳи ширкатҳои ватанӣ кор карда баромадааст, ки ба фикри ӯ ба назар гирифтани натоиҷи он дар ҷараёни таъмини рушди мутавозини низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат мусоидат менамояд;

- системаи чорабиниҳои мансуб ба танзими давлатӣ, ки ба истифодаи самараноки сиёсати танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо таваҷҷуҳ ба коҳиши раванди "фирори мағзҳо", истифодаи бештар аз самараи синергетикии "гардиши мағзҳо" ва таъмини ҳавасмандии кадрҳои соҳибтахассус ҷиҳати пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди кишвар аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудаанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло муаллиф ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидаро пешниҳод кардааст:

- ҷамъбандии мафҳуми "сармояи инсонӣ"-ро аз дидгоҳи нав, ки аҳамияти унсури тавонмандии инноватсиониро дар таркиби унсурҳои дигари сармояи инсонӣ баровардашуда аз сиёсати ҳадафмандонаи сармоягузории давлатии ташаккули муҳити инноватсионии бозтавлид ва истифодаи самараноки он мебошад;

- модели мафҳумии муҳити институтсионалии рушди сармояи инсонӣ алоқамандии ниҳодҳои мухталифи ташаккули сармояи инсониро дар заминаи 8 таҳаввулоти сифатии як муҳит аз муҳити дигар ва ботадриҷ сифатан рушд намудани сармояи инсонии миллиро ифода мекунад;

- модели риёзии таҳлили институтсионалии омилҳои ба рушди сармояи инсонӣ таъсиррасон, ки таъсири калидии омилҳои сохториро дар низоми ниҳодҳои баррасишавандаи ташаккули сармояи инсонӣ собит менамояд;

- муҳосибаи арзиши сармояи инсонӣ дар ширкатҳо, ки нақши рушди мутавозини бозори меҳнат ва низоми таҳсилоти олиро дар раванди арзишафзоии сармояи инсонии ширкатҳо нишон медиҳад;

- маҷмуи тавсияҳо ҷиҳати танзими оқилонаи муҳоҷирати меҳнатӣ ва коҳиши раванди "фирори мағзҳо", ки ҷиҳати таваҷҷуҳи бештар намудан ба густариши ҷараёни "гардиши мағзҳо" ва дар заминаи он мусоидат намудан ба рушди равандҳои инноватсионӣ дар кишварро таъкид менамояд.

## 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда

Муаллиф мавзӯи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намудааст, ки ба методикаи таҳқиқотҳои олимони соҳа оиди муайян намудани робитаҳои дохилии падидаҳо ва омилҳо, инчунин тағйироти сифатӣ ва тамоюлҳои рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионии кишвар асос ёфтааст.

Эътимоднокии хулосаҳои назариявии муаллиф тавассути истифодаи усулҳои умумии илмии равиши системавӣ, дедукция ва индуксия, аналогия, ягонагии таҳлили таърихию мантиқи, оморӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, усулҳои таҳлили абстрактӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ, регрессионӣ, инчунин усулҳои моделсозии иқтисодӣ ва математикӣ барои интихоби беҳтарин роҳи татбиқи сиёсати минтақавии идоракунии рушди сармояи инсонӣ истифода бурда шудаанд.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

## 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо

Натиҷаҳои асосии илмии дар кори диссертатсионӣ ба даст овардаи А.М. Одиназодаро инкишофи назарияи сармояи инсонӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ, татбиқи он дар минтақаҳое, ки теъдоди захираҳои меҳнатиашон зиёд мебошад, муайян менамояд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд.

Муқаррароти алоҳидаи натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронида шуда асосҳои назариявии иқтисодиёти меҳнатро бо таваҷҷуҳ ба коркарди моделҳои муосири омодасозии кадрҳои дорои тавонмандии инноватсионӣ пурратар менамояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмиро ҳангоми коркард ва татбиқи стратегияи миллии рушди сармояи инсонӣ, танзими рушди мутавозини

низоми таҳсилоти олӣ ва бозори меҳнат, танзими равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва амсоли он истифода бурдан мумкин аст.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи таҳқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро дар ҷараёни таълим дар донишкадаю донишгоҳҳо барои тайёр намудани бакалавру магистрон ва докторантҳо дар доираи омӯзиши фанҳои махсус, ба монанди «Назарияи сармояи инсонӣ», «Иқтисоди меҳнат», "Иқтисодиёти наbooварона", "Идоракунии захираҳои меҳнатӣ" истифода бурдан мумкин аст. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани низоми идоракунии кормандони соҳа дар шароити рақамикунонӣ васеъ истифода бурда шаванд.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Чуноне, ки аз таҳлили маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия аз рӯи маводи мавзуи таҳқиқшуда 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудаанд.

## 7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия

Мазмун ва мӯҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо дар автореферат ба пуррагӣ бо забони илмии тоҷикӣ дарҷ гардида, дар сатҳи зарурии илмию методӣ иҷро шудаанд. Автореферат, ки аз кори диссертатсионӣ бармеояд ба талаботи «Тартиби додани унвони илмӣ» (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) тасдиқ шуда ҷавобгӯ мебошад.

## 8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия

Дар баробари бартариятҳои дар боло зикр гардида, дар диссертатсияи ба тақриз пешниҳод шуда як қатор норасоиҳо низ мавҷуданд.

1. Ба фикри мо, агар муаллиф нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаро боз ҳам аниқтару воҳзеҳтар намуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекарданд, айни муддао мешуд.

2. Дар боби 1-уми диссертатсия ҳангоми дида баромадани ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ ба нуқтаи назари олимону муҳақиқони ватанӣ кам аҳамият дода шудааст.

3. Муаллиф дар саҳ. 55-56 (зербоби 1.3) оиди расму оинҳои миллӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ва сатҳи пасти маърифати динии шаҳрвандон мулоҳиза ронда, масъалаҳои ба тартиб даровардани расму оинҳоро таҳлил намуда ба манбаи соли 2010 ишора намудааст. Ба фикри мо, агар ӯ вазъияти кунунии ин масъалаҳоро дида баромада бо нишондиҳандаҳои 15-20 соли пешина муқоиса мекард ва нуқтаи назари худро пешниҳод мекард, сатҳу сифати таҳқиқоти гузаронидашуда боз арзишмандтар мегардид.

4. Муаллиф дар таҳқиқоти гузаронидашуда таҷрибаи мавҷудаи кишварҳои хориҷиро дар самти истифодаи самараноки сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ омӯхта истифодаи онро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ мушаххас нишон надодааст.

5. Дар хулоса ва пешниҳодот натиҷаҳои илмӣ ва амалии дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронида шуда ба даст овардаи муаллиф агар васеътар ва возеҳтар пешниҳод мегардиданд, ба фикри мо, дар амал тадбиқ гардонидани онҳо беҳтару осонтар мешуд.

6. Баъзе маводҳои илмӣ, нишододҳо ва манбаъҳои дар ҷадвалу расмҳо оварда шудаи кори диссертатсионӣ хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ доранд, ки бартараф намудани онҳо ба фоидаи кор мебуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

## 9. Хулосаи ҷамъбастӣ

Дар умум, кори диссертатсионии тақризшаванда дар сатҳи баланди илмӣ-амалӣ иҷро гардида, таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ-тахассусиро ифода менамояд.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан бамаврид аст, ки кори диссертатсионии аз тарафи Одиназода Аслам Мадгиё дар мавзуи «Такмили механизми рушди сармояи инсонӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат анҷом дода шудааст, рисолаи илмию тахассусии мустақилона ба итмом расонида буда, ба талаботи пешниҳод гардидаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда муаллифи он Одиназода Аслам Мадгиё сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур ба ҳисоб меравад.

**Муқарризи расмӣ**
профессори кафедраи
менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Д.С.

**Суроғаи донишгоҳ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 918-74-94-94 (моб.) e-mail: dilbar_amonova@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.